# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Имрӯз 10 сентябри соли ҷорӣ тибқи нақша ҷаласаи навбатии хонишҳои идоравӣ-сиёсӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардид.

Хониши идоравиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ниёзӣ Сироҷиддин оғоз намуда, қайд кард, ки соҳаи маориф зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди рӯзафзун дошта, дар партави ин таваҷҷуҳу ғамхориҳо мо, кормандони соҳаро зарур аст, фаъолияти касбии худро бо масъулияти баланд, садоқат ба касб ва ҷаҳду талоши пайваста ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таъмини рушди устувори соҳа ба роҳ монем.

Дар идомаи хониши идоравӣ  дар  мавзуи «Такмили раванди тарбияи ватандӯстӣ, сармояи инсонӣ ва рушди зиракии сиёсии хонандагон зимни таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ» Давлатзода Сарвиноз — мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарту барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бо маърузаи илмӣ баромад намуда, иброз дошт, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон муҳимтарин падидаи тарбия ба ҳисоб рафта, мақсад аз он дар дили насли наврасу ҷавони имрӯза эҳсоси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, садоқат ба Ватан, муҳаббат ба миллати худ, ҷасорат, шуҷоату далерӣ ва дарки шарафу нангу номусро бедор намудан аст. Ёдовар мешавем, ки дар кори хониши идоравӣ муовини директор ва мудирони шуъбаҳои пажӯҳишгоҳ иштирок намуданд.






10.09.2025 11:36






TAJIKISTAN ACADEMY OF EDUCATION
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ
ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ФАНҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ МЕҲНАТ, ТАРБИЯИ
ҶИСМОНӢ, ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ ВА БОЗНИГАРИВУ
ТАКМИЛИ СТАНДАРТ, БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА
КИТОБҲОИ ДАРСИИ ПРМ
ХОНИШҲО ИДОРАВӢ - СИЁСӢ
МАВЗУЪ: ТАКМИЛИ РАВАНДИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ САРМОЯИ
ИНСОНӢ ВА РУШДИ ЗИРАКИИ СИЁСИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ
ТАЪЛИМИ ФАННИ ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ
ДУШАНБЕ - 2025